БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## Шарҳи моҳонаи таваррум • НОЯБРИ 2025

**Дар моҳи ноябри соли 2025 сатҳи таваррум[1] 0,4 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,2 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

Таварруми моҳона ва солона, бо фоиз
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




### <u>Таварруми хӯрокворӣ</u>

Дар сохтори таварруми моҳона нархи маҳсулоти хӯрокворӣ бинобар таъсири омилҳои мавсимӣ ба андозаи 0,4 фоиз (саҳм дар таваррум 0,2 б.ф.) раванди болоравиро касб намуд. Нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби қиматшавии нархи қаламфури булғорӣ 31,2 фоиз, ангур 17,8 фоиз, помидор 8,5 фоиз, бодиринг 7,4 фоиз, картошка 5,9 фоиз, себ 5,4 фоиз, тарбуз 3,4 фоиз, лаблабу 3,1 фоиз, нок 1,8 фоиз, харбуза 1,5 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Ҳамзамон, дар моҳи баррасишаванда поёнравии нархи сабзӣ 14,4 фоиз, *лимӯ* 7,1 фоиз, равғани пахта 1,8 фоиз, карам 1,8 фоиз, пиёз 1,4 фоиз, тухм 1,3 фоиз, шакар 0,3 фоиз ва ғайра ба назар расид.

**Тағйирёбии нархи маҳсулоти асосии хӯрокворӣ дар моҳи ноябри 2025, бо фоиз** (манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




### <u>Таварруми ғайрихӯрокворӣ</u>

Дар сохтори таварруми моҳона нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ, бинобари таъсири омилҳои берунӣ (воридотӣ) ба андозаи 0,5 фоиз (саҳм дар таваррум 0,2 б.ф.) раванди болоравӣ дошт. Аз ҷумла, афзоишёбии нархи гази моеъ 12,7 фоиз, равғани муҳаррик 3,6 фоиз, ангишт 3,4 фоиз, сӯзишвории дизелӣ 2,7 фоиз, антифриз 2,3 фоиз ва бензин (АИ 92) 2,1 фоиз мушоҳида гардид.

Таваррум аз рӯи саҳм солона, бо фоиз
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




### <u>Таварруми хизматрасонӣ</u>

Арзиши хизматрасониҳои пулӣ, ки ба аҳолӣ расонида мешавад, дар моҳи баррасишаванда 0,1 фоизро (бо саҳми ночиз) ташкил намуд, ки асосан аз ҳисоби болоравии нархи хизматрасониҳои таъмири хона 1,8 фоиз, коммуналӣ 0,8 фоиз ва маориф 0,2 фоиз ба амал омад.

**Сатҳи таварруми солона бошад, дар моҳи ноябри соли ҷорӣ 3,2 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,9 б.ф. кам мебошад.**

Дар моҳи ноябри соли 2025 сатҳи таварруми солона дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 31,1 фоиз, Қазоқистон 12,4 фоиз, Ӯзбекистон 7,5 фоиз, Беларус 7,0 фоиз, Россия 6,6 фоиз, Гурҷистон 4,8 фоиз ва Арманистон 3,1 фоиз ба назар расид.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи ноябри соли ҷорӣ 0,1 фоизро ташкил дода, бо арзёбии солона ба 1,6 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади нигоҳдории сатҳи муътадилии нархҳои дохилӣ ва пешгирии фишорҳои монетарии таваррумӣ, сиёсати самараноки пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)** (манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)* | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вазн,% | 2024 | | | | 2025 | | | | | | | | | | | Ноябр, тағйирёбии моҳона бо % |
| | | Март | Июн | Сен | Дек | Янв | Фев | Мар | Апр | Май | Июн | Июл | Авг | Сен | Окт | Ноя | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **3,6** | **3,5** | **3,1** | **3,6** | **3,5** | **3,6** | **3,4** | **3,6** | **3,8** | **3,6** | **3,4** | **3,1** | **2,8** | **3,1** | **3,2** | **0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,6** | **1,8** | **1,5** | **0,6** | **2,5** | **3,1** | **3,1** | **3,1** | **3,0** | **3,6** | **4,1** | **4,5** | **3,7** | **3,1** | **3,5** | **3,8** | **0,3** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,4 | 7,6 | 6,0 | -0,1 | -1,2 | -1,2 | -1,0 | -3,2 | -4,7 | -5,9 | -5,7 | -5,1 | -3,7 | -3,0 | -1,8 | -1,2 | 0,1 |
| Биринҷ | 1,7 | 36,6 | 8,8 | 6,2 | 9,3 | 9,5 | 6,0 | 5,1 | 1,6 | 0,5 | 0,7 | -0,8 | -1,4 | -2,6 | -3,0 | -2,4 | 0,0 |
| Орд | 3,8 | -2,2 | 6,8 | -5,5 | -8,9 | -9,8 | -9,3 | -11,0 | -11,7 | -13,2 | -13,2 | -13,0 | -14,4 | -13,1 | -12,4 | -11,3 | -0,1 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 6,9 | 6,0 | 7,1 | 12,5 | 16,6 | 15,3 | 15,4 | 15,6 | 15,1 | 15,3 | 15,1 | 14,1 | 13,9 | 13,8 | 11,2 | 10,5 | 0,5 |
| Гӯшти гов | 3,1 | 9,0 | 11,2 | 20,1 | 28,5 | 25,3 | 24,8 | 24,7 | 24,2 | 25,1 | 25,0 | 23,2 | 21,9 | 20,8 | 15,9 | 13,4 | 0,1 |
| Тухм | 1,5 | -21,9 | -26,9 | -9,2 | 5,8 | 7,7 | 3,9 | 10,1 | 9,7 | 16,9 | 22,1 | 26,0 | 10,4 | 7,7 | 9,6 | 9,6 | -1,3 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 6,3 | 7,9 | 10,0 | 9,7 | 4,7 | 4,0 | 5,5 | 5,1 | 5,9 | 5,6 | 4,2 | 3,7 | 3,8 | 4,7 | 6,0 | 1,3 |
| Шир | 0,7 | 0,1 | 4,0 | 13,0 | 5,8 | 5,8 | 5,0 | 9,3 | 10,4 | 11,3 | 10,5 | 11,1 | 9,6 | 5,3 | 7,4 | 9,0 | 2,6 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 3,7 | -21,7 | -3,3 | 0,1 | 15,8 | 13,5 | 14,1 | 14,4 | 16,5 | 19,0 | 15,0 | 12,2 | 11,8 | 11,1 | 10,0 | 5,9 | -1,1 |
| Меваҷот | 2,4 | 28,2 | 23,1 | 0,3 | -9,7 | -12,1 | -11,7 | -7,4 | -9,6 | -11,9 | -15,4 | -10,3 | -4,2 | -2,7 | 0,5 | 6,1 | 2,7 |
| Сабзавот | 7,1 | -13,8 | -13,4 | -11,9 | -2,4 | 2,2 | 4,2 | 7,4 | 9,9 | 17,7 | 24,1 | 23,2 | 13,6 | 8,1 | 8,8 | 8,8 | 0,7 |
| Шакар | 1,3 | 32,9 | -0,8 | -1,4 | -9,5 | -8,4 | -8,7 | -9,7 | -8,4 | -8,8 | -8,1 | -8,8 | -8,6 | -9,4 | -8,1 | -7,3 | -0,3 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | -8,1 | -8,2 | -0,5 | -3,5 | 5,2 | 3,7 | 0,7 | 0,9 | 0,7 | 0,9 | 0,2 | 0,6 | 0,9 | 0,8 | 2,4 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **9,0** | **6,3** | **6,3** | **10,9** | **5,9** | **5,2** | **5,9** | **7,4** | **10,5** | **13,1** | **13,7** | **13,7** | **14,6** | **8,7** | **9,0** | **2,7** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **0,8** | **3,0** | **4,5** | **5,7** | **9,4** | **9,5** | **9,4** | **9,4** | **9,4** | **8,4** | **7,9** | **5,7** | **5,4** | **5,5** | **3,3** | **2,4** | **0,4** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **38,4** | **6,0** | **5,3** | **5,5** | **4,0** | **3,7** | **4,0** | **3,7** | **3,6** | **3,3** | **2,3** | **1,7** | **1,6** | **1,0** | **1,4** | **1,4** | **0,5** |
| Либос ва пойафзол | 11,8 | 5,1 | 4,1 | 1,8 | 1,4 | 1,7 | 1,8 | 2,2 | 1,7 | 1,2 | 1,4 | 1,8 | 2,9 | 3,2 | 2,6 | 3,2 | 0,0 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 2,7 | 7,4 | 4,6 | 4,0 | 4,1 | 4,2 | 4,3 | 0,8 | 0,8 | 0,8 | 0,1 | 0,6 | 1,0 | 1,6 | 1,6 | 1,3 | -0,1 |
| Маводи шустушӯй | 1,1 | -1,3 | -1,1 | 2,6 | 1,5 | 0,9 | -0,7 | -1,9 | -1,9 | -2,8 | -2,6 | -1,8 | 1,5 | 2,7 | 2,7 | 3,1 | 0,0 |
| Доруворӣ | 1,8 | 11,8 | 9,6 | 10,5 | 7,6 | 7,5 | 7,2 | 7,2 | 7,1 | 6,9 | 2,9 | 2,9 | 1,5 | 1,4 | 0,4 | -1,1 | 0,0 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,7 | 23,6 | 12,8 | 6,5 | 1,0 | 0,6 | 1,0 | -0,1 | -1,0 | -1,3 | -3,6 | -13,4 | -17,4 | -20,0 | -15,3 | -13,8 | 5,5 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,9 | 12,5 | 15,1 | 17,0 | 6,8 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | -0,6 | 1,3 | 1,7 |
| Васоити нақлиёт | 4,8 | 12,7 | 12,1 | -0,8 | -0,3 | -0,3 | -0,3 | -0,3 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 1,7 | 0,9 | 0,9 | 0,8 | 0,9 | 0,1 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,6 | 3,4 | 4,3 | 2,6 | 2,7 | 2,4 | 2,4 | 1,5 | 1,6 | 0,7 | 0,7 | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,1 | 0,4 |
| **Хизматрасониҳо** | **13,0** | **4,6** | **5,6** | **5,4** | **4,8** | **3,7** | **4,0** | **3,3** | **5,2** | **5,2** | **4,2** | **4,1** | **3,8** | **5,3** | **5,6** | **5,5** | **0,1** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,2 | 9,6 | 8,7 | 8,5 | 7,8 | 2,2 | 2,5 | 2,1 | 8,3 | 8,2 | 7,8 | 6,7 | 5,7 | 10,1 | 10,6 | 10,6 | 0,8 |
| Иҷорапулии манзил | 0,7 | 2,2 | 3,3 | 3,5 | 4,9 | 7,6 | 7,6 | 7,9 | 7,8 | 6,7 | 6,8 | 6,8 | 6,6 | 6,7 | 5,3 | 5,4 | 0,1 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,5 | 1,1 | 1,1 | 1,4 | 2,1 | 4,0 | 5,3 | 5,3 | 5,3 | 5,2 | 5,2 | 5,2 | 5,2 | 45,0 | 44,0 | 44,0 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 1,6 | 14,8 | 14,5 | 14,3 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 15,0 | 15,0 | 14,1 | 14,2 | 14,2 | 13,9 | 13,9 | 13,9 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 0,4 | 55,5 | 44,0 | 17,4 | -0,1 | -0,5 | 0,7 | -1,0 | 0,5 | 1,9 | 0,3 | -16,6 | -25,3 | -29,3 | -23,8 | -23,8 | 8,5 |
| Нақлиёт | 2,3 | -2,1 | 0,3 | 2,0 | 2,4 | 1,4 | 0,4 | 0,9 | 1,5 | 1,7 | 1,4 | 1,0 | -0,1 | -0,3 | 0,2 | -2,0 | -2,3 |
| Алоқа | 1,5 | -1,4 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | 4,2 | 4,7 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,6 | 7,6 | 7,6 | 0,0 |
| Маориф | 0,7 | 3,6 | 3,6 | 1,7 | 0,6 | -0,2 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,3 | 1,3 | 1,4 | 0,2 |
| Тандурустӣ | 0,5 | 3,7 | 3,7 | 2,8 | 3,7 | 0,2 | -0,7 | -1,8 | -3,0 | -3,0 | -3,0 | -3,1 | -2,2 | -2,2 | -2,2 | 0,7 | 3,0 |
| Маишӣ | 3,0 | 6,6 | 9,9 | 8,9 | 7,0 | 5,6 | 6,4 | 6,4 | 5,1 | 5,1 | 2,6 | 3,8 | 4,1 | 5,2 | 5,4 | 6,2 | 0,8 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо